– таҳқиқи роҳҳалҳои ниҳодӣ ва ташкиливу ҳуқуқии амалисозии уҳдадориҳои экологӣ бо муайян намудани унсурҳои сохторӣ ва хусусиятҳои фаъолияти онҳо;

– анҷом додани таҳлили низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои экологӣ, муайян намудани намудҳо, хусусиятҳои татбиқ ва дараҷаи мутобиқати он ба принсипҳои адолат, таносуб ва муайяниятии ҳуқуқӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди таъмини кафолатҳо, амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқу уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккул ва рушди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, инкишоф меёбанд ва амал мекунанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотро доктринаҳои назариявӣ вобаста ба категорияҳои ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки муҳтавои ҳуқуқу уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрвандро шакл медиҳанд, инчунин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии ҳуқуқие, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрвандро танзим менамоянд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шуда, марҳилаҳои тасдиқи мавзуъ, коркарди илмӣ, тасвиб ва муҳокимаро гузаштааст. Таҳқиқот хусусияти марҳилавӣ ва низомманд дошта, таҳлили асосҳои таърихию ҳуқуқии ташаккули ҳуқуқу уҳдадориҳои экологии инсон, табиати ҳуқуқии онҳо, роҳҳалҳои амалисозӣ ва ҳифз, инчунин масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани онҳоро дар бар мегирад. Дар натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ таҳия гардидаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ иборат аст, ки ба масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи экологӣ ва ҳуқуқи инсон бахшида шудаанд. Истифодаи муқаррароти

доктриналии ин самтҳои илмӣ имкон дод, ки тасаввури мукаммал дар бораи ҷойгоҳ ва нақши ҳуқуқу уҳдадориҳои экологии инсон дар низоми танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ташаккул ёбад. Ба онҳо осори З. Ализода, А.Д. Ғафурзода, Р.Д. Ҷабборов, А.М. Диноршоев, Д.М. Зоир, А.В. Золотухин, А.И. Имомов, Ш.Х. Камолов, М.А. Қодирзода, Э.С. Насриддинзода, А.Р. Нематов, М.Н. Обидова, З.Х. Раҳим, С.М. Салохидинова, Б.А. Сафарзода, М.М. Соҳибзода, Т.И. Султонова, Р.Ш. Шарофзода, Д.Ш. Шерализода, Д.Х. Элназаров ва дигар муҳаққиқон дохил мешаванд.

Дар адабиёти илмии Русия барои ошкор намудани масоили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ корҳои А.И. Абрамов, О.К. Алиев, К.Я. Белякова, С.А. Боголюбов, М.М. Бринчук, Л.Н. Бурков, Д.С. Велиева, С.Ф. Долгов, Е.И. Ефимова, И.А. Игнатьев, Е.А. Лукашенко, А.О. Миняев, Г.А. Мисник, Н.Т. Разгелдеев, В.Э. Сизов, А.А. Третякова, Н.Ф. Фокин, Н.А. Чертов ва дигар олимон аҳаммияти муҳим доштанд.

Таҳлили ин манбаъҳо имкон дод, ки падидаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ дар заминаи тамоюлҳои муосири ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ба таври маҷмуӣ ва низомманд баррасӣ гардида, хусусиятҳои моҳиятии онҳо ошкор ва самтҳои рушди минбаъдаи танзими ҳуқуқӣ дар ин соҳа муайян карда шаванд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Асоси методологиии таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи усулҳои ба ҳамдигар такмилдиҳандаи умумии илмӣ ва махсуси илмиро ташкил медиҳад, ки ошкорсозии ҳамаҷониба ва низомноки ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрвандро таъмин менамоянд.

Аз ҷумла, дар таҳқиқот усули таҳлил татбиқ гардидааст, ки ба муайян намудани сохтор ва мазмуни танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии соҳаи экологӣ равона шудааст, инчунин усули синтез, ки имкон дод унсурҳои ошкоргардида дар низоми ягонаи таъмин ва амалисозии

ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ муттаҳид карда шаванд. Усули моделсозӣ барои сохтани моделҳои назариявии таносуби ҳуқуқҳои экологӣ ва уҳдадориҳои ба онҳо мутаносиб дар роҳҳалли танзими конститутсионӣ истифода шудааст, дар ҳоле ки усули диалектикӣ ба ошкор намудани зиддиятҳо миёни мустаҳкамкунии меъёрии кафолатҳои экологӣ ва амалияи татбиқи онҳо, инчунин муайян намудани тамоюлҳои рушди ин падида мусоидат намудааст.

Усули таърихӣ имконият фароҳам овард, ки ташаккул ва таҳаввули мустаҳкамкунии конститутсионии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ мавриди омӯзиш қарор гирад, ва усули ретроспективӣ барои таҳлили динамикаи тағйироти қонунгузории экологӣ ва амалияи татбиқи он истифода шудааст. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкон дод модели миллии танзим бо равишҳои хориҷӣ ва стандартҳои байналмилалӣ муқоиса карда шавад; усули формалӣ-мантиқӣ бошад, барои дақиқсозии дастгоҳи мафҳумӣ ва сохторҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ хизмат намуд. Усули мушаххаси сотсиологӣ барои арзёбии сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва дараҷаи амалисозии ҳуқуқҳои экологӣ аз ҷониби шаҳрвандон истифода гардида, усули оморӣ барои таҳлили амалияи татбиқи ҳуқуқ ва судӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба кор бурда шудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, инчунин қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Дар раванди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба конститутсияҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии давлатҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид, ки ин имконият фароҳам овард қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи танзими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ муайян карда шаванд.

Илова бар ин, дар таҳқиқот маводи сотсиологӣ ва оморӣ, ки вазъи муҳити зистро ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он инъикос менамоянд, истифода гардидаанд. Ҳамчунин санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маводи амалияи судӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ин таҳлили ҳамаҷонибаро таъмин намуда, имконият дод робитаи байни меъёрҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии онҳо муайян карда шавад.

**Навгонии илмӣ.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили фарогири ҳуқуқӣ-конститутсионии мазмун, табиати ҳуқуқӣ ва роҳҳалҳои амалисозии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар он:

– даврабандии рушди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд таҳия ва илман асоснок карда шуда, марҳилаҳои калидии таҳаввули онҳо муайян гардидаанд, инчунин хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои гуногуни ташаккул ва таҳкими давлатдории миллӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва байналмилалӣ ошкор карда шудаанд;

– ҷойгоҳи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ дар низоми умумии ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд асоснок гардида, ҳамбастагии онҳо бо дигар унсурҳои вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии шахс равшан карда шудааст;

– таърифи муаллифии ҳуқуқҳои экологӣ таҳия гардида, хусусиятҳои моҳиятӣ, табиати ҳуқуқӣ, сохтор ва мазмуни онҳо ошкор карда шуда, нақши онҳо ҳамчун ҷузъи мустақили вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии инсон ва шаҳрванд асоснок карда шудааст;

– таҳлили фарогири низоми кафолатҳои амалисозии ҳуқуқҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, асосҳои ҳуқуқӣ, шароит ва ҳудудҳои маҳдуд

намудани онҳо бо дарназардошти принсипҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд муайян гардидаанд;

– тавсифи муфассали роҳҳалҳои ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ, аз ҷумла воситаҳои судӣ, маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-байналмилалии ҳимоя пешниҳод шудааст;

– мафҳуми уҳдадориҳои экологии инсон баён гардида, мазмуни онҳо ошкор ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии онҳо дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд;

– роҳҳалҳои амалисозии уҳдадориҳои экологии инсон таҳқиқ гардида, аҳамияти онҳо дар таъмини амнияти экологӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор муайян шудааст;

– низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои экологӣ таҳлил гардида, намудҳо, хусусиятҳои татбиқ ва дараҷаи мутобиқати он ба принсипи адолат муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар муқаррароти асосие ифода меёбад, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ консепсияи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд ҳамчун падидаи мустақил дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ пешниҳод мегардад. Муаллиф таърифи муаллифии ин категорияи ҳуқуқҳои инсонро чунин ифода менамояд: «маҷмуи кафолатҳои ҳуқуқии дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкамшуда ва дар сатҳи байналмилалӣ эътирофгардида мебошанд, ки ба ҳифз ва беҳтар намудани сифати муҳити зист ба манфиати наслҳои ҳозира ва оянда, бо риояи ҳамзамони тавозуни манфиатҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа равона шудаанд».

Муаллиф мавқеъро асоснок менамояд, ки ин гурӯҳи ҳуқуқҳо дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ мустақил буда, бо табиати махсуси ҳуқуқӣ ва таъиноти вазифавӣ фарқ мекунад. Хусусияти онҳо дар равона шудан

ба таъмини манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, татбиқи вазифаҳои пешгирикунанда ва ҳифзкунанда, иҷрои нақши кафолатӣ нисбат ба дигар ҳуқуқҳои бунёдӣ, инчунин дорои хусусияти байнинаслӣ будан, ки ба принсипҳои рушди устувор ва ҳифзи иқтидори захираҳои табиии давлат такя мекунад, ифода меёбад.

Бо дарназардошти аломатҳои муайянгардида, асоснок карда шудааст, ки ба ҷумлаи ҳуқуқҳои экологии инсон чунин ҳуқуқҳо мансубанд: а) ҳуқуқ ба зистан дар муҳити барои ҳаёт ва саломатӣ мусоид ва истифода аз неъматҳои табиии он; б) ҳуқуқ ба ҳифзи муҳити зист аз таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳо, аз ҷумла ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ; в) ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилооти боэътимоди экологӣ; г) ҳуқуқ ба ҷуброни зарари аз ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ расида; д) ҳуқуқ ба таҳсил ва маърифати экологӣ; е) ҳуқуқ ба таъмини оби нӯшокии тоза ва шароити санитарии мусоид; ё) ҳуқуқ ба амнияти экологӣ ва ҳифз аз паёмадҳои манфии тағйирёбии иқлим.

2. Фаҳмиши муаллифии уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд ҳамчун шакли рафтори ҳатмии дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкамшуда пешниҳод гардидааст, ки ба ҳифзи муҳити зист, нигоҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ равона шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки уҳдадориҳои экологии инсон ҷузъи ҷудонашавандаи вазъи ҳуқуқии шахс буда, тавозуни меъёриро миёни ҳаҷми ҳуқуқҳои экологӣ ва дараҷаи масъулияти инсон дар назди ҷомеа ва давлат барои вазъи муҳити табиӣ таъмин менамоянд.

Фарқгузории уҳдадориҳои экологӣ ба уҳдадориҳои асосӣ ва соҳавӣ асоснок карда шудааст. Уҳдадориҳои асосӣ мустаҳкамкунии мустақими конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта, ҳатмиятҳои бунёдии рафтори аз ҷиҳати экологӣ масъулонаро ифода менамоянд, хусусияти умумӣ дошта, пояи тамоми низоми танзими ҳуқуқӣ-экологиро ташкил медиҳанд. Уҳдадориҳои соҳавӣ бошад, дар

қонунгузории соҳавӣ рушд ёфта, бо хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи фаъолият вобаста мебошанд.

3. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии мустаҳкамкунии конститутсионии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар давлатҳои хориҷӣ муаллиф асоснок менамояд, ки мустаҳкамкунии конститутсионии онҳо хусусияти гуногуншакл дошта, аз вазъи муҳити зист, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва демократии давлат, инчунин аз анъанаҳои ҳуқуқӣ ва марҳилаи рушди конститутсионии он вобаста мебошад.

Бо дарназардошти меъёрҳои зикршуда се шакли асосии танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии соҳаи экологӣ муайян карда шудаанд: 1) шакли мустаҳкамкунии маҷмуии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд; 2) шакли афзалияти масъулияти оммавӣ-ҳуқуқии давлат барои ҳифзи муҳити зист дар ҳолати мустаҳкамкунии ғайримустақими ҳуқуқҳои экологии инсон; 3) шакли набудани танзими конститутсионии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ.

Муаллиф муайян намудааст, ки танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти нобаробар дорад, ки дар мустаҳкамкунии ғайримустақими ҳуқуқҳои экологии шахс (дар моддаи 38, ки дар он оид ба ғамхории давлат нисбат ба вазъи муҳити зист сухан меравад) ва ҳамзамон мустаҳкамкунии мустақим ва ҳатмии уҳдадориҳои экологӣ дар моддаи 44 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Ин шакли танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ метавонад дар раванди амалисозии онҳо, аз ҷумла дар масъалаҳои ҳифз, бархе зиддиятҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда, ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалии экологиро мушкил гардонад.

4. Дар диссертатсия таҳлили лоиҳаи Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши танзими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд анҷом дода шудааст. Муайян гардидааст, ки бо вуҷуди мавҷудияти

меъёрҳои дахлдор, иқтидори танзимкунанда ва кафолатии онҳо бинобар нокифоя будани муайянияти истилоҳотӣ ва номутобиқии сохтории муқаррароти лоиҳа пурра татбиқ нагардидааст.

Дар таҳқиқот зарурати илова намудани таърифҳои ҳуқуқии «ҳуқуқҳои экологии инсон» ва «уҳдадориҳои экологӣ» ба моддаи 1-и лоиҳа асоснок карда шудааст, ки ин муайянияти мафҳумӣ ва низомнокии татбиқи меъёрҳои қонунгузории экологиро таъмин менамояд. Ҳамчунин, мувофиқ будани такмили сохтории Кодекс тавассути мустаҳкам намудани принсипи масъулият дар назди наслҳои оянда ва дақиқ намудани номгузории боб ва моддаҳои алоҳидаи марбут ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ асоснок гардидааст.

Исбот гардидааст, ки мазмуни уҳдадориҳои экологии шаҳрвандон бояд на танҳо уҳдадории ҳифзи муҳити зист, балки истифодаи оқилонаи захираҳои табииро низ дар бар гирад, ки ин ба консепсияи рушди устувор ва тамоюлҳои муосири рушди ҳуқуқи экологӣ мутобиқат мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он дастгоҳи мафҳумии марбут ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ намуда, такмил медиҳанд. Рисола тасаввури ягонаи илмиро оид ба категорияҳои «ҳуқуқҳои экологӣ» ва «уҳдадориҳои экологӣ» ташаккул дода, равишҳои мавҷударо ғанӣ мегардонад ва заминаи назариявиро барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа густариш медиҳад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифодаи хулосаҳо ва тавсияҳои бадастомада ҳангоми таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои экологиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд, муайян мегардад.

Маводи диссертатсия метавонад ҳамчун пойгоҳи таълимӣ-методӣ ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи экологӣ, инчунин дар доираи семинарҳо, тренингҳо ва машғулиятҳои илмии тахассусӣ истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокии илмии онҳо, инчунин таҳлили фарогири назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад.

Асоснокии хулосаҳо тавассути истифодаи манбаъҳои боэътимод, таҳлили муқоисавии низомноки қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин баррасии ҳамаҷонибаи тамоюлҳои муосир ва роҳҳалҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ таъмин карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, ҳадафҳо ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаб дар мустақилона анҷом додани таҳқиқоти фарогир, таҳияи муқаррароти назариявӣ ва баён намудани хулосаҳо ва тавсияҳои асосӣ ифода меёбад. Навгонии илмӣ равиши инфиродии муаллифро дар ҳалли масъалаҳои мубрами вобаста ба муайян намудани моҳият, мазмун ва роҳҳалҳои амалисозии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон, инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии онҳо инъикос менамояд.

**Тасвиб ва амалисозӣ.** Муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкур дар баромадҳои илмии

муаллиф дар семинарҳо ва конференсияҳои зерин мавриди истифода қарор гирифтаанд:

а) **байналмилалӣ**:

– конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҷаҳонии пиряххо «Масъалаҳои мубрами ҳифзи экология ва иқлим» – маърӯза дар мавзуи «Сиёсати экологӣ дар партави паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2023;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «XIII Хонишҳои Ломоносовӣ», бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров – маърӯза дар мавзуи «Ҳифзи пиряххо ҳамчун омили ҳифз ва амалисозии ҳуқуқҳои экологии инсон» – Душанбе, 2023;

– конференсияи IV умумироссиягии илмӣ-амалӣ бо иштироки байналмилалӣ, бахшида ба ёди арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, ҳуқуқшинос, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор М.Н. Марченко «Масъалаҳои мубрами иқтисод, идоракунӣ ва ҳуқуқ» – маърӯза дар мавзуи «Ҳуқуқи кӯдакон ба муҳити зисти мусоид» – Москва, 2023;

– конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115-солагии академики АФ ИҶШС Б. Ғафуров – маърӯза дар мавзуи «Уҳдадориҳои конститутсионии экологии инсон ва шаҳрванд» – Душанбе, 2023;

– конференсияи байналмилалии илмии донишҷӯён, аспирантон ва олимони ҷавон «Ломоносов–2024» – маърӯза дар мавзуи «Иқтидори экологии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2024;

– конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «XV Хонишҳои Ломоносовӣ: Ҳамкории илм ва стратегияҳои миллӣ: навсозии рақамӣ ва рушди инноватсионӣ» – маърӯза дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-конститутсионии уҳдадориҳои экологии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2025.

б) **ҷумҳуриявӣ**:

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли мушкилоти глобалии об» – маърӯза дар мавзуи «Оид ба масъалаи ҳуқуқи инсон ба об» – Душанбе, 2023;

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Масъалаҳои мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маърӯза дар мавзуи «Мафҳум ва табиати ҳуқуқии ҳуқуқу уҳдадориҳои экологӣ тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2023;

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Конститутсия ҳамчун омили суботи давлат» – маърӯза дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ оид ба мафҳум ва муҳтавои ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд» – Душанбе, 2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия шудаанд, дар 10 нашрияи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз рӯйхати ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ки нуҳ зербобро дар бар мегиранд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 225 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуъ ва дараҷаи коркарди илмии он ошкор гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои давлатӣ ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти илмӣ нишон дода мешавад. Ҳадаф ва вазифаҳои

диссертатсия, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, марҳилаҳо, ҷой ва давраи анҷомёбии он тавсиф мешаванд, инчунин асосҳои назариявӣ ва методологӣ ва заминаи эмпирикии кор баён мегарданд.

Ҳамзамон навгонии илмии таҳқиқот ва муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, ироа шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, дараҷаи эътимоднокии онҳо ва саҳми шахсии довталаб асоснок карда мешаванд. Маълумот оид ба тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин оид ба интишороти марбут ба мавзуи диссертатсия пешниҳод мегардад.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони **«Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-назариявии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои конститутсионӣ»** аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби якум – **«Таҳаввули тасаввурот оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон дар Тоҷикистон»** заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккул ва рушди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ, инчунин марҳилаҳои ташаккули равишҳои дахлдори доктриналӣ ва меъёрӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аз ҷумла, муаллиф муайян намудааст, ки ташаккули ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон натиҷаи таҳаввули тӯлонии назарҳо оид ба муносибати инсон ва табиат мебошад. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки сарчашмаҳои тасаввуроти экологӣ дар таълимоти динӣ-фалсафӣ ва шаклҳои анъанавии истифодаи табиат ҷой дошта, дар доираи онҳо табиат ҳамчун арзише баррасӣ мегардид, ки муносибати эҳтиёткорона ва масъулонаро талаб мекунад. Рушди минбаъдаи ин ғояҳо бо марҳилаҳои ташаккули конститутсионализм алоқаманд мебошад. Дар давраи шуравӣ масъалаҳои экологӣ ифодаи маҳдуди ҳуқуқӣ дошта, асосан ба мустаҳкам намудани уҳдадории шаҳрвандон оид ба ҳифзи табиат маҳдуд мегардиданд.

Рисоланавис таъкид менамояд, ки марҳилаи нави таҳаввули ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи соли 1994 алоқаманд аст. Бори аввал асосҳои низомноки ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифзи муҳити зист ташаккул ёфта, вазифаи экологии давлат ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти оммавии он мустаҳкам карда шуд, инчунин уҳдадории умумии ҳар шахс оид ба муносибати эҳтиёткорона ва масъулона ба табиат ҳамчун арзиши умумидавлатӣ муқаррар гардид.

Дар доираи таҳқиқоти анҷомдода муаллиф ба хулоса меояд, ки ташаккули ҳуқуқҳои экологии инсон дар ду марҳилаи асосӣ сурат гирифтааст – марҳилаи индустриалӣ ва пасоиндустриалӣ. Марҳилаи индустриалӣ (то миёнаҳои асри XX) бо бартарияти равиши технократӣ ва дарки табиат танҳо ҳамчун манбаи захираҳо тавсиф гардида, бо афзоиши хавфҳои экологӣ ва набудани эътирофи мустақили ҳуқуқҳои экологӣ, ки ҳамчун ҳуқуқҳои ҳосилавӣ аз ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатӣ баррасӣ мешуданд, ҳамроҳ буд. Марҳилаи пасоиндустриалӣ (аз нимаи дуюми асри XX) бо ташаккули шуури нави экологӣ ва эътирофи вобастагии мутақобилаи вазъи муҳити зист ва амалишавии ҳуқуқҳои бунёдии инсон алоқаманд мебошад. Маҳз дар ин давра ҳуқуқҳои экологӣ ҳамчун ҳуқуқҳои мустақил, умумибашарӣ ва зери ҳимояи ҳуқуқи байналмилалӣ қароргирифта пазируфта мешаванд.

Зербоби дуюми боби якум – **«Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон дар низоми таснифоти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд»** ба муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар сохтори умумии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби мазкур таҳлили низомноки таснифоти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахс анҷом дода шуда, ки ин имкон фароҳам овард ҷойгоҳи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ дар сохтори ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ дақиқ карда шавад. Асоснок шудааст, ки онҳо дорои табиати мустақили

ҳуқуқӣ, мавзуи хоси танзими ҳуқуқӣ ва таъиноти вазифавии махсус буда, бинобар ин наметавонанд ҳамчун ҳуқуқҳои ҳосилавӣ аз дигар ҳуқуқҳои конститутсионӣ баррасӣ шаванд. Ҳуқуқҳои экологӣ ва уҳдадориҳои ба онҳо мутаносиб бо мустақилияти ниҳодӣ тавсиф гардида, унсури мустақили сохтори вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии шахсро ташкил медиҳанд, ки дар ҳамбастагии низомнок бо дигар ҳуқуқ ва озодиҳо қарор доранд.

Аз мавқеи назарияи алоқаи давлатӣ-ҳуқуқӣ хусусияти умумии онҳо ҳамчун ҳуқуқҳои инсон асоснок мегардад, ки ба ҳамаи шахсоне, ки таҳти салоҳияти давлат қарор доранд, паҳн мешаванд. Ин ҳолат садоқати низоми ҳуқуқии миллӣ ба консепсияи умумии ҳуқуқҳои инсон ва мутобиқати онро бо стандартҳои байналмилалии экологӣ тасдиқ менамояд.

Дар доираи равиши генератсионӣ, ба андешаи муаллиф, ҳуқуқҳои экологӣ ба ҳуқуқҳои насли чаҳорум мансуб дониста мешаванд, зеро ташаккули онҳо бо зарурати вокуниши ҳуқуқӣ ба хавфҳои глобалии экологӣ алоқаманд аст. Ҳамзамон, ин ҳуқуқҳо шаклҳои инфиродӣ ва дастаҷамъии амалисозиро дар бар мегиранд. Табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои экологӣ хусусияти мураккаб ва бисёрсатҳаро доро буда, онҳо ҳамзамон ҳамчун ваколатҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ зоҳир мегарданд, нишонаҳои ҳуқуқҳои амали мустақим ва ҳуқуқҳои барномавиро дар бар гирифта, инчунин бо маҳдудшавандагии нисбӣ тавсиф мешаванд, ки танҳо бо риояи талаботи қонуният, ҳадаф ва таносуби дахолат мумкин мебошад.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки рушди муосири доктринаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ аз ташаккули назарияи устувори ҳуқуқҳои экологӣ ҳамчун категорияи мустақил ва бунёдии низоми ҳуқуқҳои конститутсионӣ шаҳодат медиҳад. Ин ҳолат бо аҳамияти муайянкунандаи онҳо барои амалишавии дигар ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, мустаҳкамкунии онҳо дар сатҳи конститутсионӣ ва тафсилоти минбаъда дар қонунгузории соҳавӣ, инчунин нақши калидии онҳо дар таъмини амнияти экологӣ ва

ҳифзи шароити мавҷудияти инсон дар шароити ноустувории экологӣ асоснок мегардад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Роҳҳалҳои амалигардонии ҳуқуқҳои экологии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз чор зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби дуюм «**Мафҳум ва мазмуни ҳуқуқии ҳуқуқҳои экологии инсон»** равишҳои асосии ҳуқуқӣ-назариявӣ нисбат ба муайян намудани моҳияти ҳуқуқҳои экологӣ, аломатҳои калидӣ, унсурҳои сохторӣ, инчунин хусусиятҳои мустаҳкамкунии меъёрӣ ва татбиқи амалии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ, бо ҷамъбасти мавқеъҳои илмии мавҷуда муаллиф панҷ равиши бунёдиро нисбат ба дарки ҳуқуқҳои экологии инсон низомнок менамояд. Равиши ниҳодӣ-ҳуқуқӣ онҳоро ҳамчун гурӯҳи мустақили ҳуқуқҳои конститутсионӣ бо вазъи махсуси ҳуқуқӣ баррасӣ намуда, бо роҳбурди амали мустақими меъёрҳои конститутсионӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии давлат таъминшавандаро таъкид менамояд. Равиши сохторӣ-қисмӣ ҳуқуқҳои экологиро ҳамчун падидаи бисёрсатҳаи ҳуқуқӣ маънидод мекунад – ҳамзамон падидаи ҳуқуқӣ, унсури соҳаи ҳуқуқи экологӣ ва қисми таркибии вазъи ҳуқуқии шахс. Равиши табиӣ-ҳуқуқӣ аз хусусияти фитрӣ, ҷудонашаванда ва универсалии онҳо баромада, иртиботи зичи онҳоро бо ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатӣ таъкид менамояд. Равиши интегративӣ-созишӣ ба таъмини тавозун миёни манфиатҳои экологӣ ва иқтисодӣ дар тасрифи рушди устувор равона гардидааст. Ниҳоят, равиши функсионалӣ-кафолатӣ ба самаранокии роҳҳалҳои амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ, инчунин ба дараҷаи амалишавии воқеии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Бо такя ба равишҳои назариявии зикршуда муаллиф таърифи зеринро пешниҳод менамояд: ҳуқуқҳои экологии инсон маҷмуи кафолатҳои ҳуқуқии дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкамшуда ва дар сатҳи байналмилалӣ эътирофгардида мебошанд, ки ба ҳифз ва беҳтар намудани

сифати муҳити зист ба манфиати наслҳои ҳозира ва оянда, бо риояи ҳамзамони тавозуни манфиатҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа равона шудаанд.

Ба андешаи муаллиф, ҳуқуқҳои экологии инсон дорои табиати мустақили ҳуқуқӣ ва маҷмуи аломатҳои махсус мебошанд, ки ҷойгоҳи хоси онҳоро дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ муайян менамоянд. Онҳо ба истифодаи оқилона ва устувори захираҳои табиӣ равона гардида, вазифаҳои ҳифзкунанда ва пешгирикунандаро дар соҳаи ҳифзи ҳаёт ва саломатии аҳолӣ иҷро менамоянд, заминаи кафолатии амалишавии дигар ҳуқуқҳои бунёдиро ташкил дода, бо равонагии байнинаслӣ барои нигоҳдории иқтидори табиӣ барои наслҳои оянда тавсиф мешаванд. Ба шумори ҳуқуқҳои экологӣ ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид, ҳифзи он аз таъсири манфӣ, дастрасӣ ба иттилооти экологӣ, ҷуброни зарари аз ҳуқуқвайронкунии экологӣ расида, таҳсилоти экологӣ, дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ва шароити санитарии мусоид, инчунин ҳуқуқ ба амнияти экологӣ мансуб дониста шудаанд, ки дар маҷмӯъ маҷмааи имкониятҳои дорои аҳамияти конститутсиониро ташкил медиҳанд.

Зербоби дуюми боби дуюм – **«Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои экологии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили асосҳои конститутсионии мустаҳкамкунии ҳуқуқҳои экологӣ ва ошкор намудани мазмуни меъёрии онҳо бахшида шудааст.

Муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ низоми сесатҳаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологиро ҷудо менамояд, ки сатҳҳои конститутсионӣ, байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавиро дар бар мегирад.

Бо таҳлили меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф қайд менамояд, ки ҳуқуқҳои экологӣ асосан ба таври ғайримустақим дар моддаи 38 мустаҳкам гардидаанд, дар ҳоле ки уҳдадориҳои экологӣ бевосита дар моддаи 44 пешбинӣ шудаанд. Муайян карда шудааст, ки ин хусусияти танзими конститутсионӣ ба хусусияти

порокандаи қонунгузории соҳавии экологӣ оварда расонида, иқтидори ҳифзи ҳуқуқҳои мазкурро маҳдуд менамояд.

Рисоланавис таъкид мекунад, ки модели мавҷудаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ хусусияти асимметрӣ дошта, дар ҳолати мавҷудияти уҳдадории мустақими экологӣ барои шаҳрвандон, мустаҳкамкунии равшан ва муфассали ҳуқуқҳои дахлдор дар сатҳи конститутсионӣ ба таври кофӣ пешбинӣ нашудааст.

Муаллиф инчунин танзими ҳуқуқӣ-байналмилалии ҳуқуқҳои экологии инсонро таҳлил менамояд. Қайд мегардад, ки танзими муосири байналмилалӣ дар ин соҳа хусусияти бисёрсатҳавӣ дошта, ду гурӯҳи санадҳоро дар бар мегирад: шартномаҳои байналмилалии ҳатмӣ, ки низоми уҳдадориҳои ҳуқуқии давлатҳоро ташаккул медиҳанд, ва санадҳои «ҳуқуқи нарм», ки принсипҳо, стандартҳо ва самтҳои стратегии сиёсати экологиро муайян менамоянд.

Рисоланавис нақши фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рушди ҳамкории байналмилалии экологӣ, аз ҷумла тавассути пешниҳоди ташаббусҳо оид ба ҳифзи экосистемаҳои обӣ ва пиряххо таъкид менамояд, ки кафолатҳои байналмилалии амалисозии ҳуқуқҳои экологии инсонро таҳким мебахшад.

Муаллиф зикр мекунад, ки дар сатҳи миллӣ муқаррароти конститутсионӣ тавассути низоми густурдаи қонунгузории экологӣ, ки қонунҳои марбут ба истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист, инчунин санадҳои зерқонунӣ фаро мегирад, мушаххас карда мешаванд. Қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти маҷмуӣ ва динамикӣ дошта, ба воридсозии стандартҳои байналмилалӣ ва ташаккули роҳҳалҳои самараноки амалишавии ҳуқуқҳои экологӣ равона гардидааст.

Дар раванди таҳқиқ мушкили порокандагии танзими меъёрӣ ошкор гардида, зарурати низомноксозии қонунгузории экологӣ асоснок карда шудааст. Дар ин

замина, пешниҳодҳои консептуалӣ оид ба такмили лоиҳаи Кодекс, аз ҷумла мустаҳкам намудани таърифҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ, принсипи масъулият дар назди наслҳои оянда ва такмили сохтори меъёрҳои дахлдор пешниҳод шудаанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Кафолатҳои амалишавӣ ва асосҳои маҳдуд намудани ҳуқуқҳои экологии инсон»** низоми кафолатҳои амалисозии ҳуқуқҳои экологӣ ва ҳудудҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии маҳдудшавии эҳтимолии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар шароити шиддат гирифтани мушкилоти глобалии экологӣ амалишавии ҳуқуқҳои экологӣ аз доираи танзими соҳавӣ берун рафта, хусусияти самти стратегии сиёсати давлатиро касб менамояд, ки ба низоми рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фаъолияти давлати иҷтимоӣ ҳамгиро шудааст.

Ба андешаи рисолнавис, роҳҳалли амалишавии ҳуқуқҳои экологӣ дар маънои маҳдуд ва васеъ баррасӣ мегардад: ҳамчун маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие, ки амалисозии мустақили ҳуқуқҳоро таъмин менамоянд, ва ҳамчун маҷмуи кафолатҳо, шароит ва тартиботе, ки ба таъмин ва ҳифзи онҳо равона шудаанд.

Дар рисола ба падидаи кафолатҳо ҳамчун унсури калидии роҳҳалли амалишавии ҳуқуқҳои экологӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Муаллиф кафолатҳои умумӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавию ахлоқӣ) ва махсус (ҳуқуқӣ)-ро ҷудо менамояд. Кафолатҳои аввал бо сиёсати давлатии экологӣ, воситаҳои молиявию ҳуқуқӣ ва ташаккули фарҳанги экологӣ алоқаманд буда, кафолатҳои дуюм ба танзими конститутсионӣ ва соҳавӣ, назорати давлатӣ ва ҳифзи судӣ вобаста мебошанд.

Асоснок карда шудааст, ки ҳуқуқҳои экологӣ мутлақ набуда, метавонанд бо риояи принсипҳои қонуният, таносуб, муайянияти ҳуқуқӣ ва зарурат дар ҷомеаи демократӣ маҳдуд гарданд. Маҳдудиятҳо танҳо дар асоси

қонун ва бо мақсади ҳифзи амнияти экологӣ, саломатии аҳолӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон, инчунин ҳифзи сохтори конститутсионӣ иҷозат дода мешаванд. Таъкид мегардад, ки маҳдудиятҳо ва кафолатҳо дар робитаи диалектикӣ қарор доранд: аввалӣ ҳудуди амалишавии ҳуқуқҳоро муайян намуда, дуюмӣ онҳоро аз дахолати худсарона ҳифз менамоянд.

Дар заминаи таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муаллиф ба хулоса меояд, ки амалишавии самараноки ҳуқуқҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити фаъолияти маҷмуии низоми кафолатҳо ва риояи қатъии меъёрҳои конститутсионии иҷозатпазирии маҳдудиятҳо имконпазир мебошад, ки ин ба ҳадафҳои рушди устувор ва таҳкими давлати ҳуқуқбунёд ҷавобгӯ мебошад.

Зербоби доруми боби дуюм – **«Роҳҳалҳои ҳифзи ҳуқуқҳои экологии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳқиқи ҳуқуқии роҳҳалҳои ҳифзи ҳуқуқҳои экологии инсон, аз ҷумла шаклҳои судӣ ва ғайрисудии татбиқи онҳо бахшида шудааст.

Асоснок гардидааст, ки ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ фаъолияти бо қонун танзимшудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ ва дигар субъектҳо мебошад, ки ба пешгирӣ, қатъ ва бартараф намудани қонуншиканиҳо, барқарорсозии вазъи ҳуқуқии вайроншуда ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор равона шудааст. Хусусияти маҷмуии ин роҳҳал таъкид мегардад, ки унсурҳои пешгирикунанда, қатъкунанда, барқароркунанда ва ҷазодиҳандаро дар бар гирифта, кафолати воқеии ҳуқуқҳои экологии шахсро таъмин менамояд.

Дар таҳқиқ муайян шудааст, ки ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ ба таври низомнок дар ду шакл амалӣ мегардад: ғайрисудӣ (маъмурӣ) ва судӣ. Шакли ғайрисудӣ чунин унсурҳоро дар бар мегирад: а) тартиби баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон; б) истеҳсолот оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ; в) ваколатҳои

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили ҳуқуқ ва озодиҳо; г) назорати прокурорӣ.

Рисоланавис таъкид менамояд, ки ҳуқуқ ба ҳифзи судии ҳуқуқҳои экологӣ аз муқаррароти моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионии «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ мегардад. Дар ин раванд судҳои салоҳияти умумӣ, инчунин тавзеҳоти Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули амалияи ягонаи ҳуқуқтатбиққунӣ нақши муҳим доранд.

Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқ ҷанбаҳои мушкилоти марбут ба таъмини ягонагии амалияи судӣ, муайян намудани ҳаҷми зарари экологӣ ва ҳамгироии стандартҳои байналмилалӣ ба мурофиаи миллӣ ошкор гардидаанд. Ба андешаи муаллиф, ин ҳолатҳо зарурати қабули қарори махсуси Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои ҳифзи судии ҳуқуқҳои экологии инсон тақозо менамоянд.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ **«Роҳҳалҳои амалисозии уҳдадориҳои экологии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм – **«Уҳдадориҳои экологии инсон: мафҳум ва танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ»** таҳлили мукаммали табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои экологӣ ҳамчун унсури мустақили вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии шахси гузаронида мешавад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар ҳуқуқи конститутсионии муосир падидаи уҳдадориҳои инсон тадриҷан мавқеи намоёнтарро ишғол менамояд, аммо сатҳи таҳияи ҳуқуқӣ-назариявии он то ҳол нокифоя боқӣ мемонад. Дар асоси таҳлили мавқеъҳои илмӣ, рисоланавис уҳдадориҳои конститутсиониро на ҳамчун маҳдудияти озодӣ, балки ҳамчун ҷузъи зарурии тавозуни манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат баррасӣ мекунад.

Дар ин зербоб муаллиф чунин таърифи уҳдадориҳои экологии инсонро пешниҳод менамояд: рафтори ҳатмие, ки

аз ҷониби Конститутсия муқаррар гардида, ба таъмини ҳифз, муҳофизат ва истифодаи оқилонаи муҳити зист равона шудааст. Ин уҳдадориҳо зарурати ҳуқуқии муносибати мутаносиб ва масъулона ба табиатро мустаҳкам намуда, ҳамчун кафолати бунёдии амалисозии ҳуқуқи конститутсионии ҳар шахс ба муҳити зисти мусоид баромад мекунанд.

Муаллиф исбот менамояд, ки уҳдадориҳои экологӣ хусусияти императивӣ дошта, дорои уҳдадории умумӣ мебошанд, зеро ба доираи номуайяни шахсон равона гардида, аз ихтиёри субъективии онҳо вобаста нестанд. Бар хилофи ҳуқуқҳои субъективӣ, ки амалишавии онҳо бо иродаи шахси ваколатдор сурат мегирад, иҷрои уҳдадориҳои экологӣ зарурати ҳуқуқӣ буда, бо тадбирҳои маҷбуркунии давлатӣ таъмин карда мешавад. Таъкид мегардад, ки муқаррар намудани уҳдадориҳои экологӣ бевосита дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътирофи принсипи масъулияти шахсии экологии ҳар як шахс дар сатҳи олии меъёрӣ шаҳодат дода, самти конститутсиониро ба афзалияти ҳифзи муҳити зист ҳамчун арзиши оммавӣ инъикос менамояд.

Рисоланавис таснифи уҳдадориҳои экологиро ба ду гурӯҳ пешниҳод мекунад: асосӣ, ки бевосита дар Конститутсия мустаҳкам гардида, талаботи бунёдии рафтори масъулонаи экологиро ифода менамоянд, ва истеҳсолӣ (ҳосилавӣ), ки дар қонунгузории соҳавӣ бо дарназардошти хусусияти фаъолият, сатҳи хавфи экологӣ ва вижагиҳои истифодаи захираҳои табиӣ мушаххас карда мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – **«Роҳҳалҳои амалисозии уҳдадориҳои экологии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** хусусияти низомии таъмини иҷрои уҳдадориҳои экологӣ ошкор карда мешавад, ки ба маҷмуи воситаҳои ҳуқуқӣ, ниҳодӣ ва ташкилӣ такя менамояд.

Аз ҷумла, муаллиф асоснок менамояд, ки амалисозии уҳдадориҳои экологӣ танҳо бо муқаррар намудани расмии

меъёрҳои дахлдор дар қонунгузорӣ маҳдуд намешавад, балки фаъолияти роҳҳалли мукаммали таъмини амалии онҳоро дар назар дорад.

Муаллиф муайян менамояд, ки унсури муҳими роҳҳалли мазкур фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошад, ки назорат ва санҷиши экологиро амалӣ намуда, аз ҷумла гузаронидани санҷишҳо, мониторинги ҳолати муҳити зист, татбиқи тадбирҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва қабули қарорҳои пешгирикунандаро таъмин менамоянд.

Таваҷҷуҳи махсус ба нақши таълим ва маърифати экологӣ ҳамчун роҳҳалҳои муҳими ғайримоддии амалисозии уҳдадориҳои экологӣ дода мешавад. Асоснок карда мешавад, ки ташаккули шуури ҳуқуқии экологӣ, ки ба ҳифзи муҳити зист равона гардидааст, шаклгирии мавқеи устувори рафтори масъулонаи экологӣ ва рушди фарҳанги истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ҳамчун заминаи зарурии иҷрои дуруст ва самараноки уҳдадориҳои экологие, ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудаанд, баромад менамоянд.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки зарурати истифодаи равиши маҷмуӣ мавҷуд аст, ки муттаҳидсозии танзими меъёрӣ, расмиёти назоратӣ ва тафтишотӣ, тадбирҳои пешгирикунанда, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва рушди роҳҳалҳои иштироки ҷомеаро дар соҳаи экологӣ дар бар мегирад.

Дар зербоби сеюми боби сеюм – «**Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани уҳдадориҳои экологӣ таҳлил карда шудааст.

Муаллифи таҳқиқот таъкид менамояд, ки дар шароити рушди конститутсионализм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳамияти низомсоз пайдо намуда, ҳамчун роҳбурди умумии таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва амалисозии ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои экологӣ, баромад менамояд.

Дар асоси таҳлили адабиёти мавҷуда муаллиф асоснок менамояд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист тавассути шаклҳои анъанавии соҳавӣ – интизомӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Асосҳои ҷавобгарии интизомӣ дар моддаи 62 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муқаррар гардидаанд, ки татбиқи чораҳои ҷазоиро барои иҷрои номатлуби уҳдадориҳои хизматӣ, аз ҷумла дорои хусусияти экологӣ, пешбинӣ менамоянд.

Дар таҳқиқот муайян шудааст, ки ҷавобгарии маданӣ асосан хусусияти деликтӣ дошта, ба ҷуброни пурраи зарари экологӣ равона гардидааст; заминаи меъёрии онро муқарраароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 79 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», ки тартиби судии ҷуброни зарарро пешбинӣ менамояд, ташкил медиҳанд.

Ба гуфтаи муаллиф, ҷавобгарии маъмурӣ дар қисми 1 моддаи 17 Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ муайян гардида, дар доираи бобҳои 7, 9-14 ва 16-18 қисми махсуси Кодекси мазкур амалӣ карда мешавад, ки ҷавобгариро барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист муқаррар менамоянд. Инчунин дар кор асоснок карда мешавад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дар фасли IX Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷиноятҳо зидди амнияти экологӣ ва муҳити табиӣ» пешбинӣ гардидааст.

Таҳлили гузаронидашудаи қонунгузории миллӣ ба муаллиф имкон дод, ки ба чунин хулоса ояд: ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ дар доираи маҷмуи байнисоҳавии чораҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ва интизомӣ амалӣ карда мешавад. Баланд бардоштани самаранокии ин роҳҳалҳо шарти зарурии таъмини ҳуқуқҳои экологии инсон ва таҳкими принсипи волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд хулосаҳои зерин ифода карда шаванд, ки асоснокии илмӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд.

1. Ташаккул ва рушди падидаи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои экологии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳаввулоти сиёсати давлатии экологӣ дар шароити афзоиши таҳдидҳои экологӣ асоснок гардида, гузариш аз афзалияти уҳдадориҳои муҳофизатӣ ба эътирофи конститутсионии ҳуқуқҳои экологӣ ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқҳои инсонро инъикос менамояд. Мустаҳкам гардидани ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои экологӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пояҳои сиёсати миллии экологиро гузошта, ҳамоҳангсозии қонунгузории дохилиро бо стандартҳои байналмилалӣ таъмин намудааст. [3-М]

2. Ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд унсури мустақил ва аз ҷиҳати сохторӣ муҳимми вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии шахсро ташкил дода, ба низоми ягонаи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва уҳдадориҳо ворид гардидаанд. Онҳо хусусияти ёридиҳанда надошта, самти махсуси танзими конститутсиониро ташаккул медиҳанд, ки равандҳои «экологикунонии» тартиботи ҳуқуқии муосирро инъикос менамояд. [1-М]

3. Ҳуқуқҳои экологии инсон маҷмуи кафолатҳои ҳуқуқии дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкамшуда ва дар сатҳи байналмилалӣ эътирофгардида мебошанд, ки ба ҳифз ва беҳтар намудани сифати муҳити зист ба манфиати наслҳои ҳозира ва оянда, бо риояи ҳамзамони тавозуни манфиатҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа равона шудаанд. Онҳо принсипи рушди устуворро таҷассум намуда, ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон аз таъсири номатлуби муҳити зист равона гардида, хусусияти ҳам муҳофизатӣ ва ҳам пешгирикунанда доранд. Ҳуқуқҳои экологӣ вазифаи низомсозро иҷро намуда, ҳамчун шарти

зарурии амалисозии дигар ҳуқуқу озодиҳои бунёдӣ баромад мекунанд. Дар сохтори онҳо ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид ва ҳифзи он, ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилооти экологӣ, ҳуқуқ ба ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии экологӣ расонида шудааст, ҳуқуқ ба таҳсилоти экологӣ, ҳуқуқ ба оби тозаи ошомиданӣ ва шароити санитарии мусоид, инчунин ҳуқуқ ба амнияти экологӣ ҷудо карда мешаванд, ки дар маҷмуъ роҳҳалли мукаммали ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини фаъолияти бехатари ҳаётии инсонро ташаккул медиҳанд. [1-М]

4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бисёрсатҳии танзими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд ташаккул ёфтааст. Ин низом ба эътирофи масъулияти афзалиятноки оммавӣ-ҳуқуқии давлат барои ҳифзи муҳити зист асос ёфта, дар айни замон муқаррароти мустақими конститутсионии дорои рӯйхати васеи ҳуқуқҳои экологиро дар бар намегирад. Гарчанде Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи махсуси ба ҳуқуқҳои экологӣ бахшидашударо дар бар надорад, он заминаи меъёриро барои татбиқи онҳо тавассути тафсири бонизоми муқаррароти вобаста ба ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, дастрасӣ ба иттилоот, ҳифзи судӣ, инчунин принсипҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ фароҳам меорад. Бо ин роҳ ҳуқуқҳои экологӣ мустаҳкамкунии ғайримустақими конститутсионӣ гирифта, дар қонунгузории соҳавӣ рушд меёбанд. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки чунин модел барои як қатор давлатҳо хос буда, бо хусусиятҳои таърихӣ ва институтсионалии рушди конститутсионӣ, сатҳи хавфҳои экологӣ ва вижагиҳои анъанаи ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Ҳамзамон, таҳдидҳои ҷаҳонии муосир – тағйирёбии иқлим, таназзули экосистемаҳо ва хусусияти фаромарзии хатарҳои экологӣ зарурати конститутсионикунонии минбаъдаи ҳуқуқҳои экологӣ ва таҳкими роҳҳалҳои кафолати онҳоро тақвият медиҳанд. Санадҳои байналмилалии дорои хусусияти умумӣ ва махсус, инчунин иштироки фаъоли

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули рӯзномаи глобалии экологӣ, эътирофи ҳуқуқҳои экологии инсонро ҳамчун арзиши мустақил ва афзалиятноки рушди ҳуқуқии муосир тасдиқ менамоянд. Амалисозии пурраи онҳо дар низоми ҳуқуқии миллӣ муқаррарсозии пайдарпай, низомноккунӣ ва кодификатсияи қонунгузории экологиро тақозо менамояд, ки ба баланд бардоштани мутобиқати дохилӣ ва самаранокии татбиқи он равона гардидааст. [4-М]

5. Роҳҳалли амалишавии ҳуқуқҳои экологии инсон бояд ҳамчун низоми мураккаби шароитҳои ҳуқуқӣ, ниҳодӣ ва воқеӣ баррасӣ гардад, ки амалисозии амалии онҳоро таъмин менамоянд. Ин роҳҳал амалҳои ҳуқуқи худи соҳиби ҳуқуқ, уҳдадориҳои мувофиқи субъектҳои оммавӣ, низоми кафолатҳо, ҳудудҳои муқарраршудаи маҳдудиятҳои қобили қабул, инчунин расмиёти пешбинишудаи ҳифз ва барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншударо дар бар мегирад.

Кафолатҳои амалисозии ҳуқуқҳои экологӣ сохтори бисёрсатҳӣ дошта, маҷмуи воситаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва мурофиавиро фаро мегиранд, ки табдилёбии эътирофи расмии ҳуқуқҳои экологиро ба амалисозии воқеӣ ва самараноки онҳо таъмин менамоянд. Дар ин замина кафолатҳои умумӣ, ки аз принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва низоми ҳуқуқу озодиҳо бармеоянд, ва кафолатҳои махсус (ҳуқуқӣ), ки бевосита ба таъмини ҳуқуқҳои экологӣ равона шудаанд, ҷудо карда мешаванд.

Маҳдуд намудани ҳуқуқҳои экологӣ танҳо дар сурати мавҷудияти асосҳои аз ҷиҳати конститутсионӣ ва байналмилалӣ-ҳуқуқӣ асоснокшуда, бо риояи принсипҳои қонуният, ҳадафи қонунӣ ва мутаносибият иҷозат дода мешавад. Чунин маҳдудиятҳо бояд хусусияти муваққатӣ ё қисман дошта, ба ҳифзи арзишҳои муҳими ҷамъиятӣ равона гардида, бо риояи кафолатҳои мурофиавии муқарраршуда амалӣ карда шаванд.

6. Ҳифзи ҳуқуқҳои экологии инсон дар низоми ҳуқуқии миллӣ тавассути ду самти ба ҳам алоқаманд ва якдигарро такмилдиҳанда – худмуҳофиза ва роҳҳалҳои оммавӣ-

ҳуқуқӣ, ки дар тартиби маъмурӣ ва судӣ амал мекунанд, амалӣ карда мешавад.

Роҳҳалли ҳуқуқӣ-маъмурӣ ҳамчун унсури низомсози кафолатҳои ҳуқуқҳои экологӣ баррасӣ мегардад, зеро он ваколатҳои идоракунӣ, назоратӣ ва тафтишотии давлатро муттаҳид намуда, ҳам пешгирии вайронкуниҳои экологӣ ва ҳам барқарорсозии ҳуқуқи вайроншуда ба муҳити зисти мусоидро таъмин менамояд. Дар айни замон, ҳифзи судӣ шакли умумии таъмини ҳуқуқҳои экологӣ буда, ба шахсони аз ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ зарардида воситаҳои самараноки мурофиавиро барои барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда ва ҷуброни зарари расонидашуда, аз ҷумла зарари вобаста ба ифлосшавии муҳити зист ва амалҳои ғайриқонунии мақомоти ҳокимияти оммавӣ, фароҳам меорад.

7. Уҳдадориҳои конститутсионии экологии инсон ва шаҳрванд шакли ҳатмии рафтори лозимаро ташкил медиҳанд, ки дар Қонуни асосӣ мустаҳкам гардида, ба ҳифз, муҳофизат ва истифодаи оқилонаи муҳити зист равона шудаанд. Ин уҳдадориҳо ҳамчун шарти бунёдӣ ва кафолати зарурии амалисозии ҳуқуқи ҳар шахс ба муҳити зисти мусоид баррасӣ мегарданд. Онҳо хусусияти мураккаб ва дугона дошта, манъкуниҳои манфӣ ва дастурҳои мусбатро муттаҳид менамоянд, тавассути роҳҳалли густурдаи амалишавии ҳуқуқ бо роҳи мушаххасгардонии онҳо дар қонунгузории соҳавӣ амалӣ шуда, бо чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъмин карда мешаванд. Ҳамзамон, уҳдадориҳои экологӣ андозаи арзишӣ-ахлоқии возеҳ дошта, ба ташаккули фарҳанги экологӣ ва масъулият дар назди ҷомеа ва наслҳои оянда мусоидат менамоянд; низоми онҳо уҳдадориҳои асосии конститутсионӣ ва уҳдадориҳои ҳосилавиро дар бар мегирад, ки дар қонунгузории махсус муфассал гардонида мешаванд. [2-М]

8. Амалисозии уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд омили муҳимми ташаккули фарҳанги экологӣ ба ҳисоб меравад, ки ба ҳамгироии ибтидоҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ

ва иҷтимоӣ асос ёфта, иҷрои уҳдадориҳои экологиро ҳамчун арзиши дохилӣ ва унсури ҳувияти иҷтимоии шахс дарк менамояд. Роҳҳалли амалисозии ин уҳдадориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти маҷмуӣ дошта, низоми танзими меъёрии ҳуқуқӣ, тадбирҳои таҳсил ва маърифати экологӣ, мониторинг, назорат ва тафтиши давлатӣ, шаклҳои иштироки ҷомеа дар ҳифзи муҳити зист, инчунин воситаҳои ҳавасмандгардонеро, ки ба ташаккули амалияҳои устувори рафтори масъулонаи экологӣ равона шудаанд, фаро мегирад. [2-М]

9. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ унсури асосии роҳҳалли амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд буда, ҳатмияти меъёрҳои ҳуқуқӣ, барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои экологиро таъмин менамояд. Дар соҳаи экологӣ ҷавобгарӣ хусусияти байнисоҳавӣ дошта, тавассути шаклҳои интизомӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад, ки ҳар яке вазифаи мустақили пешгирикунанда, барқарорсозанда ва ҷазодиҳандаро иҷро менамояд. Дар айни замон, барои эътирофи ҷавобгарии эколого-ҳуқуқӣ ҳамчун намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ асосҳо мавҷуд нестанд, зеро чораҳои таъсир барои ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ ба институтҳои мавҷудаи соҳавӣ ҳамгиро шудаанд. Баланд бардоштани самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар соҳаи экологӣ такмили заминаи меъёрӣ, таҳкими амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мутобиқсозии роҳҳалҳои ҷавобгариро ба таҳдидҳои муосири экологӣ ба мақсади таъмини тартиботи ҳуқуқии экологӣ ва рушди устувор тақозо менамояд. [5-М]

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмии гузаронидаи муаллиф тавсияҳои амалии зерин пешниҳод мегарданд:

1. Ҳангоми таҳия ва қабули Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои калидӣ бояд ворид ва мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои экологӣ, инчунин мушаххасгардонии уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд дар ин соҳа бошад. Дар баробари ин, зарур аст, ки ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии роҳҳалҳои амалишавии ҳуқуқҳои экологӣ ва муқаррар намудани асосҳои дақиқи маҳдудкунии эҳтимолии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардад, ки ин барои таъмини тавозун миёни манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат мусоидат хоҳад кард [8-М].

2. Бо мақсади таъмини ягонагии амалияи судӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ, мақсаднок шуморида мешавад, ки қарори мустақили Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалияи баррасии парвандаҳои вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои экологии инсон қабул гардад. Чунин санад ба ташаккули стандартҳои устувори ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат намуда, самаранокии ҳифзи судиро дар ин самт тақвият мебахшад [5-М].

3. Қонунгузории муосири ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмили минбаъда ниёз дорад, махсусан дар самти низомнок намудани меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои дастдарозӣ ба амнияти экологӣ муқаррар менамоянд. Мақсаднок мебошад, ки фасли IX Кодекси ҷиноятӣ ба «Ҷиноятҳои экологӣ» тағйири ном дода шуда, ҳамзамон ба боби 24 таърифи қонунии ин категория бо қиёс ба боби 33 ворид карда шавад. Амалисозии ин пешниҳодҳо ба баланд бардоштани низоммандии танзим, таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва таҳкими принсипи муайяннокии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд [9-М].

4. Дар соҳаи маориф ва таҳқиқоти илмӣ натиҷаҳои диссертатсия тавсия карда мешаванд, ки ҳангоми таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ аз фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи экологӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин фанҳое, ки масъалаҳои ҳуқуқҳои инсон ва роҳҳалҳои ҳифзи онҳоро фаро мегиранд, истифода шаванд. Хулосаҳои бунёдӣ ва муқаррароти назариявии

асоснокшуда метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ хизмат намоянд, ки ба рушд ва такмили роҳҳалҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои экологии инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши хавфҳои фаромарзии экологӣ равона гардидаанд [1-М].

## СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ


### I. Нормативно-правовые акты

[1]. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=20010 (дата обращения 12.09.2025)

[2]. Государственная экологическая программа Республики Таджикистан на 2009-2019 годы [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mmih.tj/SEARCH/Document View?DocumentId=34381 (дата обращения 28.01.2026)

[3]. Государственная экологическая программа Республики Таджикистан на 2023-2028 годы [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mmih.tj/Search/Document View?DocumentId=144606 (дата обращения 28.01.2026)

### II. Монографии, учебники, учебные пособия

[4]. Боголюбов, С.А. Экологическое право [Текст]: учебник. – М.: Юрайт, 2022. – 304 с.

[5]. Боголюбов, С.А. Экологическое право. Краткий курс [Текст]: учебное пособие / С.А. Боголюбов. – 2-е изд., пер. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2024. – 229 с.

[6]. Гайворонский, В.Г. Экологические права человека: международное и конституционно-правовое содержание и механизмы защиты [Текст] / В.Г. Гайворонский. – Ростов-на-Дону: ЮФУ, 2014. – 104 с.

[7]. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсиолнии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри панҷум бо тағйироту иловаҳо [Матн] / А. Имомов. – Душанбе. ҶДММ “Хирадмандон” 2024, – 774 с.

[8]. Ҷабборов, Р.Ҷ. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.Ҷ. Ҷабборов. – Душанбе: Диловар, 2004. – 200 с.

### III. Статьи и доклады

[9]. Ализода, З. Права и свободы человека основы системы права Республики Таджикистан [Текст] / З. Ализода // Законодательство. – 2015. – № 3(19). – С. 4-6.

[10]. Ализода, З. Ҳуқуқи инсон – арзиши муҳими ҷаҳони муосир [Матн] / З. Ализода // Государствоведение и права человека. – 2016. – № 3. – С. 5-7.

[11]. Алимов, С.Ю. Право на благоприятную окружающую среду как конституционное право гражданина Российской Федерации / С.Ю. Алимов // Материалы круглого стола «Проблемы правового регулирования прав человека и гражданина на благоприятную окружающую среду: конституционно-правовой аспект». РТСУ. Душанбе, 2024. – С. 26-33.

[12]. Боголюбов, С.А. Экологические права и обязанности граждан [Текст] / С.А. Боголюбов // Аграрное и земельное право. – 2009. – № 10(58). – С. 5-14.

[13]. Боголюбов, С.А. Эколого-правовое обеспечение здоровья, жизни человека при развитии генетических технологий [Текст] / С.А. Боголюбов // Генетические технологии и право в период становления биоэкономики: монография. – Москва: Издательство Проспект, 2021. – С. 41-53.

[14]. Ғафурзода, А.Д. Ташаккулёбӣ ва инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ: масъалаҳои назариявӣ-таърихӣ [Матн] / А.Д. Ғафурзода, Ҷ.Қ. Рашидов // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №2(51). – С. 129-136.

[15]. Диноршоев, А.М. Проблемы правового регулирования обращения с опасными отходами в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев, У.А. Улугов // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2025. – Т. 2, № 2(48). – С. 194-207.

[16]. Диноршоев, А.М. Экологическая безопасность как основной фактор стабильности государства [Текст] / А.М. Диноршоев, М.Н. Обидова // Актуальные проблемы защиты экологии и климата: международная научно-практическая конференция, посвященная Всемирному дню ледников, Душанбе, 18–21 марта 2023 года / Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – Душанбе: 2023. – С. 53-57.

[17]. Диноршоев, А.М. Экологические права человека как самостоятельная категория конституционных прав: теоретико-правовой анализ [Текст] / А.М. Диноршоев, И.О. Давронов // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2025. – Т. 2, № 1(46). – С. 227-233.

[18]. Золотухин, А.В. Понятие и особенности права собственности на воды и водные объекты в Республике Таджикистан [Текст] /А. В. Золотухин // Правовая жизнь. – 2017. – № 4(20). – С. 123-132.

[19]. Камолов, Ш.Х. Защита прав и свобод человека в религиозных учениях таджикского 5народа [Текст] / Ш.Х. Камолов, С.Н. Якубова // XII Ломоносовские чтения: Материалы Международной научно-практической конференции, посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией, Душанбе, 29–30 апреля 2022 года. Том Часть II. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2022. – С. 528-532.

[20]. Қодирзода, М.А. Дастрасӣ ба иттилооти экологӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / М.А. Қодирзода, Ҷ.А. Акбарализода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – С. 3(52). – С. 162-172.

[21]. Қодирзода, М.А. Масоили амалишавии функсияи экологии давлат: назария ва қонунгузорӣ [Матн] / М.А. Қодирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №4(28). – С. 38-52.

[22]. Гафуров, Х.М. Экономическое судопроизводство как механизм защиты прав человека: формирование и эволюция

[Текст] / Х.М. Гафуров // Проблемы соотношения международного и национального права: Материалы межуниверситетской научно-практической конференции, Москва-Душанбе, 24–25 марта 2014 года / под общей редакцией Е.М. Павленко, А.М. Диноршоева. – Москва-Душанбе: Голд-принт, 2014. – С. 157-166.

[23]. Маджидзода, Д.З. Формирование института прав и свобод человека: исторический срез [Текст] / Д.З. Маджидзода, А.Г. Холикзода // Правовое поле современной экономики. – 2016. – № 8. – С. 175-182.

[24]. Насриддинзода, Э.С. Таъсири тағйирёбии иқлим ба вазъи кунунии экологӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо [Матн] / Э. С. Насриддинзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. № 3 (15). – С. 6-15.

[25]. Нематов, А.Р. Правовое обеспечение экологической безопасности в условиях глобализации, мировых угроз и вызовов на примере пандемии [Текст] / А.Р. Нематов, Н. Собитдухт // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Юридические науки. – 2020. – Т. 24, № 3. – С. 513-529.

[26]. Обидова, М.Н. Бехатарии экологӣ ҳамчун омили асосии устувории давлат [Матн] / М.Н. Обидова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2024. – №4(16). – С. 147-154.

[27]. Обидова, М.Н. Робитаи ҳуқуқҳои экологии инсон бо амнияти экологӣ [Матн] / М.Н. Обидова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 4. – С. 174-189.

[28]. Рахмон, Д.С. О различных путях развития прав человека в истории цивилизаций / Д.С. Рахмон // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2017. – № 4(60). – С. 66-72.

[29]. Раҳим, З.Ҳ. Масъалаҳои экологӣ-ҳуқуқии нақши милитсия дар баамалбарории ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд [Матн] / З.Ҳ. Раҳим // Законодательство. – 2023. – № 3(51). – С. 116-120.

[30]. Сафарзода, Б.А. Государственно-правовая политика в области прав человека: проблемы формирования и основные направления в Республике Таджикистан [Текст] / А.М.

Диноршоев, Б.А. Сафарзода // Публичная власть: реальность и перспективы: Сборник научных трудов по материалам V Ежегодных Саратовских административно-правовых чтений (международная научно-практическая конференция), Саратов, 20-21 сентября 2019 года. – Саратов: ИП Коваль Юлия Владимировна, 2019. – С. 23-27.

[31]. Соибов, З.М. Поощрительные меры как метод доверия в государственном управлении таможенной деятельности [Текст] / З.М. Соибов // Конституция – как фактор стабильности государства: Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 05 ноября 2022 года. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2022. – С. 331-338

[32]. Сотиволдиев, Р.Ш. Экологическая правовая политика [Текст] / Р.Ш. Сотиволдиев, Д.Н. Назирзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 223-227.

[33]. Соҳибов, М.М. Баъзе аз масъалаҳои ҳуқуқҳои экологии инсон ва ҳифзи муҳити зист дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Матн] / М.М. Соҳибов // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ: маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Душанбе, 08 декабря 2014 года. – Душанбе: Голд-Принт, 2014. – С. 113-118.

[34]. Сулаймонов, М.С. Правовая природа послания Президента Республики Таджикистан и его признаки [Текст] / М.С. Сулаймонов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2017. – № 4(36). – С. 140-145.

[35]. Султонова, Т.И. Правовые и экологические предпосылки отнесения крупных ГЭС к возобновляемым источникам энергии в условиях Таджикистана: инициирование дискуссии [Текст] / Т.И. Султонова, У.А. Улугов // Центральноазиатский журнал исследования климата и устойчивого развития. – 2022. – Т. 1, № 1. – С. 27-44.

[36]. Эльназаров, Д.Х. К вопросу о правах человека и гражданина на благоприятную окружающую среду в современном конституционном праве [Текст] / Д.Х. Эльназаров, А.Н. Алифбеков // Инициативы Основателя мира и

национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в разрешении глобальных водных проблем: Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 11 ноября 2023 года. – Душанбе: Московский государственный университет им. М.В. Ломоносова, 2023. – С. 120-129.

[37]. Эльназаров, Д.Х. Теоретические аспекты прав человека на благоприятную окружающую среду [Текст] / Д.Х. Эльназаров, А.Н. Алифбеков // Актуальные проблемы защиты экологии и климата: международная научно-практическая конференция, посвященная Всемирному дню ледников, Душанбе, 18–21 марта 2023 года / Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – Душанбе: 2023. – С. 188-192.

**IV. Диссертации и авторефераты**

[38]. Алиев, О.К. Конституционно-правовые основы охраны окружающей среды в Республике Дагестан [Текст] афтореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Алиев Омар Курбанович. – Махачкала, 2006. – 26 с.

[39]. Алихаджиева, А.С. Правовой механизм реализации права граждан на благоприятную окружающую среду [Текст] афтореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.06 / Алихаджиева Анна Саламуевна. – Саратов, 2003. – 26 с.

[40]. Анисимов, А.П. Право человека и гражданина на благоприятную окружающую природную среду в Российской Федерации: конституц.-правовые аспекты [Текст] автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Анисимов Алексей Павлович. – Волгоград. 1997. – 31 с.

[41]. Буркова, Л.Н. Экологические права человека в Российской Федерации: конституционно-правовой аспект [Текст] дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Буркова Лидия Николаевна. – Ростов-на-Дону, 2005. – 227 с.

[42]. Вакула, М.А. Конституционно-правовое регулирование охраны окружающей среды и рационального природопользования в субъектах Российской Федерации (на примере города Москвы) [Текст] афтореф. дис. ... канд. юрид.

наук: 12.00.02 / Вакула Марина Анатольевна. – Москва, 2011. – 25 с.

[43]. Велиева, Д.С. Конституционно-правовые вопросы реализации права человека и гражданина на благоприятную окружающую среду в России [Текст] дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Велиева Джамила Сейфаддин кызы. – Саратов, 2001. – 232 с.

[44]. Гадоев, Б.С. Тенденции развития высших форм непосредственной демократии в Республике Таджикистан: конституционно-правовое исследование [Текст] дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.02 / Гадоев Бурхонидин Саймудинович. – Душанбе, 2018. – 416 с.

[45]. Железинский, А.А. Конституционные основы охраны окружающей среды в Российской Федерации [Текст] афтореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Железинский Александр Александрович. – Саратов, 2011. – 25 с.

[46]. Жураев, Ю.А. Право и управление в области использования и охраны природной среды Республики Узбекистан [Текст] афтореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.06 / Жураев Юлдаш Ачилович. – Москва, 1996. – 50 с.

[47]. Карху, О.С. Юридическая ответственность за нарушение законодательства об экологической информации [Текст] афтореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.06 / Карху Ольга Сергеевна. – Москва, 2004. – 24 с.

[48]. Клейн, В.В. Судебная защита права человека и гражданина на благоприятную окружающую среду [Текст] дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Клейн Вероника Викторовна. – СПб., 2002 – 168 с.

[49]. Клюева, Н.А. Обеспечение конституционное право человека на благоприятную окружающую среду в Российской Федерации [Текст] дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Клюева, Наталия Анатольевна. –М., 2008. – 185 с.

[50]. Маркина, Э.В. Экологические права граждан в условиях современной России и механизм их реализации: административно-правовой аспект [Текст] дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14. – Москва, 2002. – 187 с.

[51]. Матвеева, Е.В. Правовой механизм реализации экологических прав граждан в Российской Федерации и

Федеративной Республике Германии [Текст] автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.06 / Матвеева Елена Валерьевна. – М. 2010. – 211 с.

[52]. Медведєв, К.В. Екологічні права громадян України: гарантії їх судового захисту [Текст] дис. … канд. юрид. наук: 12.00.06 / Медведєв Костянтин Вікторович. – К., 2012. – 214 с.

[53]. Миралиев, И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан [Текст] дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Миралиев Исфандиёр Карахонович. – Душанбе, 2014. – 205 с.

[54]. Мисник, Г.А. Возмещение экологического вреда в российском праве [Текст] афтореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.06 / Мисник Галина Анатольевна. – Москва, 2008. – 56 с.

[55]. Мишанин, К.С. Конституционное право человека и гражданина на благоприятную окружающую среду: гарантии и защита в законодательстве Российской Федерации [Текст] дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Мишанин Константин Станиславович. – Москва, 2005. – 232 с.

[56]. Пушкарева, Э.Ф. Международный экологический правопорядок и экологические права человека [Текст] афтореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.10 / Пушкарева Эльвира Фаритовна. – Москва, 2008. – 57 с.

[57]. Разгельдеев, Н.Т. Теоретические проблемы правоотношений природоохранительной ответственности [Текст] афтореф. дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.06 / Разгельдеев Назир Тагирович. – Алма-Ата, 1989. – 46 с.

[58]. Салохидинова, С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан [Текст] дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Салохидинова Симо Мухамадиевна. – Москва, 2016. – 200 с.

[59]. Сорокина, Т.Ю. Механизмы защиты права на благоприятную окружающую среду [Текст] дис. … канд. юрид. наук: 12.00.06 / Сорокина Татьяна Юрьевна. – М., 2010. – 188 с.

[60]. Тришкин, А.А. Конституционное право человека и гражданина на достоверную информацию о состоянии окружающей среды в Российской Федерации [Текст] дис. …

канд. юрид. наук: 12.00.02 / Тришкин Алексей Александрович. – Саратов, 2005. – 212 с.

[61]. Файзиев Ш.Х. Теоретические проблемы правового обеспечения экологической политики Республики Узбекистан: авто-реф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Ташкент. 2004. – 47 с.

[62]. Фокин, А.В. Экологические права и обязанности человека и гражданина (теоретико-правовой аспект) [Текст] дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Фокин Александр Викторович. – Волгоград, 2006. – 179 с.

[63]. Чалых, И.С. Конституционно-правовые гарантии субъективных экологических прав [Текст] афтореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Чалых Ирина Сергеевна. – Белгород, 2010. – 22 с.

[64]. Чертова, Н.А. Конституционно-правовые основы обеспечения экологической безопасности Российской Федерации (на опыте северных регионов) [Текст] афтореф. дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.02 / Чертова Надежда Андреевна. – Москва, 2007. – 52 с.

[65]. Шатаева, С.В. Конституционное право человека на благоприятную окружающую среду и механизм его реализации в РФ [Текст] дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Шатаева Светлана Владимировна. – М., 2003. – 290 с.

[66]. Шерализода, Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Конститутсияи соли 1994: таҳқиқи ҳуқуқӣ – конститутсионӣ [Матн] дис. … ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.02 / Шерализода Ҷоми Шерали. – Душанбе, 2022. – 220 с.

## V. Электронные источники [Электронный ресурс]

[67]. Выступление на встрече с сотрудниками Комитета по охране окружающей среды / Официальный сайт Президента Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://prezident.tj/event/speeches/52835 (дата обращения 11.10.2025)

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд

[1-М] Давронов, И.О. Экологические права человека как самостоятельная категория конституционных прав: теоретико-правовой анализ / А.М. Диноршоев, И.О. Давронов // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2025. – Т. 2, № 1(46). – С. 227-233. ISSN 2709-6246

[2-М] Давронов, И.О. Экологические обязанности человека: понятие и конституционно-правовая регламентация / И.О. Давронов // Юридический вестник. – 2025. – №2 (22) – С. 10-15 ISSN: 2790-7570

[3-М] Давронов, И.О. Эволюция конституционной регламентации экологических прав человека: от истоков к современным стандартам / И.О. Давронов // Законодательство. – 2024. – № 4(56). – С. 90-94. ISSN: 2410-2903

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд

[4-М] Давронов, И.О. Конституционно-правовая природа экологических обязанностей граждан в Республике Таджикистан / И.О. Давронов // XV Ломоносовские чтения. Кооперация науки и национальноориентированных стратегий: цифровая модернизация и инновационное развитие: Материалы Международной научно-практической конференции, Душанбе, 22–23 апреля 2025 года. – Душанбе: Московский государственный университет имени М.В. Ломоносова, 2025. – С. 362-368.

[5-М] Давронов, И.О. Административная ответственность за экологические правонарушения / У.У. Муродзода, И.О. Давронов // XIII Ломоносовские чтения: Материалы международной научно-практической конференции, посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова, Душанбе, 28–29 апреля 2023 года. – Душанбе: Филиал

Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2023. – С. 152-157.

[6-М] Давронов, И.О. Право детей на благоприятную окружающую среду / И.О. Давронов // Актуальные проблемы экономики, управления и права: Сборник материалов IV всероссийской научно-практической конференции с международным участием, посвященной памяти заслуженного деятеля науки Российской Федерации, учёного-правоведа, доктора юридических наук, профессора М.Н. Марченко, Москва, 23 марта 2023 года / Отв. редактор Ю.В. Гаврилова. – Саратов: Издательство «Саратовский источник», 2023. – С. 202-204.

[7-М] Давронов, И.О. Экологический кризис Аральского моря: от социально-правовых последствий до предпринимаемые меры / И.О. Давронов // Инициативы Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в разрешении глобальных водных проблем: Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 11 ноября 2023 года. – Душанбе: Московский государственный университет им. М.В. Ломоносова, 2023. – С. 26-34.

[8-М] Давронов, И.О. Понятие и юридическая природа экологических прав и обязанностей по Конституции Республики Таджикистан / И.О. Давронов // Актуальные вопросы совершенствования Конституции Республики Таджикистан в современных условиях: Материалы республиканской научно-теоретической конференции, посвященной 75-летию Таджикского национального университета, Душанбе, 01 ноября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет; Полиграфия «ВатанПринт», 2023. – С. 381-389.

[9-М] Давронов, И.О. Экологическая политика в свете посланий Президента Республики Таджикистан / И.О. Давронов, Ф.А. Касымова // Актуальные проблемы защиты экологии и климата: международная научно-практическая конференция, посвященная Всемирному дню ледников, Душанбе, 18-21 марта 2023 года / Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – Душанбе: 2023. – С. 47-52.

[10-М] Давронов, И.О. К вопросу о понятии экологических прав человека / И.О. Давронов // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2023. – Т. 2, № 2(32). – С. 36-42. ISSN 2709-6246

# АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Даврониён Илёса Ота на тему «Экологические права и обязанности человека и гражданина в Республике Таджикистан: конституционно-правовой аспект», представленную на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.2. Конституционное право; конституционный судебный процесс; правовое регулирование местной власти**

**Ключевые слова:** экологические права; экологические обязанности; экология; окружающая среда; экологическая безопасность; устойчивое развитие; конституционные гарантии; судебная защита; экологическая ответственность; государственная политика; экологическая политика экологическое законодательство; права человека; обязанности человека, Республика Таджикистан.

**Цель исследования**: комплексный конституционно-правовой анализ экологических прав и обязанностей как элемента правового статуса человека и гражданина, раскрытии их содержания и механизмов реализации, а также разработке предложений по совершенствованию законодательства и правоприменительной практики РТ.

**Методы исследования:** анализ; синтез; моделирование; диалектика; исторический; ретроспективный; сравнительно-правовой; формально-логический; конкретно-социологический; статистический.

**Полученные результаты и их новизна.** Проведено комплексное переосмысление экологических прав и обязанностей как самостоятельного элемента конституционно-правового статуса личности. Разработана периодизация их развития, определено место в системе конституционных прав и обязанностей, предложено авторское определение экологических прав и раскрыта их юридическая природа. Проведён анализ гарантий и механизмов защиты экологических прав, исследованы содержание и особенности конституционной регламентации экологических обязанностей, а также механизмы их реализации и юридической ответственности за их нарушение в РТ.

**Рекомендации по использованию.** Результаты исследования могут быть использованы при совершенствовании конституционного и экологического законодательства РТ, в правоприменительной деятельности судебных и административных органов, а также в учебном процессе и дальнейших научных исследованиях в сфере прав человека и экологического права.

**Область применения:** нормотворческая деятельность; правоприменительная практика и деятельность государственных органов в сфере охраны окружающей среды; образовательный процесс; научно-исследовательская работа.

## ФИШУРДА

**ба диссертатсияи Даврониён Илёс Ота дар мавзуи «Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст**

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқҳои экологӣ; уҳдадориҳои экологӣ; экология; муҳити зист; амнияти экологӣ; рушди устувор; кафолатҳои конститутсионӣ; ҳифзи судӣ; ҷавобгарии экологӣ; сиёсати давлатӣ; сиёсати экологӣ; қонунгузории экологӣ; ҳуқуқи инсон; уҳдадориҳои инсон; Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мақсади таҳқиқот:** таҳлили мукаммали ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ ҳамчун унсури вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ошкор намудани мазмун ва роҳҳалҳои амалишавии онҳо, инчунин таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Методҳои таҳқиқот:** таҳлил; синтез; моделсозӣ; усули диалектикӣ; таърихӣ; ретроспективӣ; муқоисавӣ-ҳуқуқӣ; мантиқии шаклӣ; мушаххаси сотсиологӣ; оморӣ.

**Натиҷаҳои бадастомада ва навгонии онҳо.** Дар таҳқиқот бознигарии мукаммали ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологӣ ҳамчун унсури мустақили вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии шахс анҷом дода шудааст. Даврабандии рушди онҳо таҳия гардида, ҷойгоҳи онҳо дар низоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои конститутсионӣ муайян шудааст, инчунин таърифи муаллифии ҳуқуқҳои экологӣ пешниҳод ва табиати ҳуқуқии онҳо ошкор карда шудааст. Кафолатҳо ва роҳҳалҳои ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ таҳлил гардида, мазмун ва хусусиятҳои танзими конститутсионии уҳдадориҳои экологӣ, инчунин роҳҳалҳои амалишавӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои риоя накардани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Тавсияҳо оид ба истифода.** Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории конститутсионӣ ва экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти судӣ ва маъмурӣ, инчунин дар раванди таълим ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи экологӣ истифода шаванд.

**Соҳаи татбиқ:** фаъолияти меъёрэҷодкунӣ; амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист; раванди таълим; фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ.

## ANNOTATION

**of the dissertation by Davroniyon Ilyos Ota entitled "Environmental Rights and Duties of the Individual and Citizen in the Republic of Tajikistan: The Constitutional and Legal Aspect", submitted for the degree of Candidate of Legal Sciences in specialty 5.5.2. Constitutional Law; Constitutional Judicial Procedure; Legal Regulation of Local Government.**

**Keywords:** environmental rights; environmental duties; ecology; environment; environmental security; sustainable development; constitutional guarantees; judicial protection; environmental responsibility; state policy; environmental policy; environmental legislation; human rights; human duties; Republic of Tajikistan.

**Research objective:** to conduct a comprehensive constitutional and legal analysis of environmental rights and duties as an element of the legal status of the individual and citizen, to reveal their content and mechanisms of implementation, and to develop proposals for improving legislation and law enforcement practice in the Republic of Tajikistan.

**Research methods:** analysis; synthesis; modeling; dialectical method; historical method; retrospective method; comparative legal method; formal-logical method; concrete sociological method; statistical method.

**Results obtained and their novelty.** The study provides a comprehensive reconsideration of environmental rights and duties as an independent element of the constitutional and legal status of the individual. A periodization of their development has been developed, their place within the system of constitutional rights and duties has been determined, and the author's definition of environmental rights has been proposed with clarification of their legal nature. The guarantees and mechanisms for the protection of environmental rights have been analyzed; the content and features of the constitutional regulation of environmental duties, as well as the mechanisms for their implementation and legal liability for their violation in the Republic of Tajikistan, have been examined.

**Recommendations for application.** The results of the research may be used in improving constitutional and environmental legislation of the Republic of Tajikistan, in the law enforcement activities of judicial and administrative bodies, as well as in the educational process and further research in the field of human rights and environmental law.

**Field of application:** law-making activity; law enforcement practice and activities of state bodies in the field of environmental protection; educational process; research activity.